# СУРАТҶАЛАСАИ №75/02-КЭ

шурои муштараки диссертатсионии 6D КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

аз 02 сентябри соли 2023

Ҳайати шурои диссертатсионӣ иборат аз 11 нафар тасдиқ шудааст.

**Иштирок доштанд:** Аз 11 нафар ҳайати шурои муштараки диссертатсионии аз ҷониби КОА назди Президенти ҶТ тасдиқшуда 9 нафар иштирок доштанд: Гулмадов Ф. - раиси шуро, Негматов С.Э. – ҷонишини раиси шуро, Каримзода М. - котиби илмӣ, аъзои шуро: Иматзода Л.М., Муҳамметов Ғ., Ҳоҷиматова Г.М., Раҳимзода Х, Рӯзиева Л., Шербоев С., аз ҷумла 5 нафар докторони илм доир ба самти диссертатсияи баррасишаванда. Пешниҳод мешавад, ки ҷаласаи шурои диссертатсионӣ кушода шавад. Пешниҳоди дигар нест? Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода шавад. Пешниҳод якдилона қабул шуд.

## РУЗНОМА:

Ба баррасии муқаддамотӣ қабул кардани диссертатсияи Рустами Абдуҷаббор "Фарҳанги хонавода ва тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ва таъин кардани комиссияи экспертӣ

## ШУНИДА ШУД:

Аз рӯи масъалаи якум гузориши раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ Гулмадов Ф. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Рустами Абдуҷаббор ба шурои диссертатсионӣ шунида шуд.

## БАРОМАД КАРД:

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ Каримзода М.Б. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Рустами Абдуҷаббор, аз ҷумла диссертатсия ва автореферат (бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ) ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шурои

диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ, (қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон 30 июни соли 2021, №267) мувофиқат мекунанд ва унвонҷӯй ҳуҷҷатҳои дигарро низ тибқи муқарарот пешниҳод намудааст. Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ҷиҳати ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Рустами Абдуҷаббор “Фарҳанги хонавода ва тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ”, ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва тахсилот пешниҳод шудааст, барои ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

- Шербоев С. – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, раиси комиссия;
- Рӯзиева Л.Т. - доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, аъзои комиссия;
- Маҳкамов Д. - номзади илмҳои педагогӣ, аъзои комиссия.

Натиҷаи овоздиҳии кушод ба тарафдории қарори мазкур: “Тарафдор” – 9 нафар, “Зид” - нест, “Бетараф” - нест.

**Раиси шурои муштараки диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ** — **Гулмадов Ф.**

**Котиби илмии шурои муштараки диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ** — **Каримзода М.**

*“Имзои Ф. Гулмадов ва М.Каримзодаро тасдиқ мекунам”*

Мудири бахши кадрҳо
ва коргузории АТТ — М. Саидова